# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср, солҳои 2011-2013)” барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ

Матбуот сарчашмаи огоҳию маърифат ва худшиносии ҳар як халқ буда, бо ин сифат дар ҳаёту зиндагӣ ва тақдири миллату кишварҳо мақоми хосса пайдо кардааст. Фаъолияти босамари он дар инъикоси воқеъбинонаи ҳаводиси рӯз боиси болоравии сатҳи огаҳию худшиносӣ, маърифату ҷаҳонбинии мардум, ошкору ислоҳи камбудиҳои ҷомеа ва рушди давлатдорию пешравии кишварҳо мегардад. Махсусан, дар ҷомеаи демократӣ матбуот аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа буда, нақши он бахри расонидани иттилооти воқеӣ, раванди демократикунонӣ ва ташаккули афкори ҷомеа хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари ин нақши бузургу созанда, мутаассифона, аз воситаҳои ахбори омма, хусусан матбуот, ҳамчун минбари тавоно ва пуриқтидор барои ҳадафҳои геополитикӣ ва сиёсии дохилӣ сӯиистифода мешавад. Зарурати омӯзиши ин масъала яке аз проблемаҳои мубрами журналистикаи муосир аст, зеро таъсири бесобиқаи ВАО, махсусан матбуот ба тафаккури ҷомеа бояд мавриди баррасӣ қарор гирад.

Диссертатсияи Исмоилова Фарзона низ ба як бахши ҳамин масъалаи муҳим - матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ дар мисоли ҳаводиси Миср бахшида шудааст. Диссертант ҳақ аст, ки дар ҷаҳони муосир кишварҳо бахри расидан ба ҳадафҳои худ рӯ ба воситаҳои ахбори омма оварда, дилхоҳ мақсадро тавассути онҳо амалӣ мекунанд. Ин нукта низ таҳқиқ шудааст, ки давлатҳои абарқудрат нақшаҳои худро дар кадом кишваре, ки амалӣ кардан хоҳанд, кӯшиш мекунанд, қадами аввалро воситаҳои ахбори оммаи ҳамон кишвар гузорад ва аз манфиатҳои онҳо

пуштибонӣ намояд. Дар мисоли ноором‌иҳои олами Араб дар даҳаи дуюми асри XXI ин сухан бори дигар собит шудааст, зеро дар ибтидо воситаҳои ахбори оммаи арабӣ аз хостаҳои абарқудратҳо ҷонибдорӣ мекарданд.

Аз нигоҳи мо, дар мисоли кишвари алоҳида таҳқиқ шудани нақши матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ мушаххасии мавзӯъро таъмин намуда, ба диссертант имкон додааст, таҳқиқи хуберо ба сомон расонад. Дар баробари ин, диссертант шабоҳати ин ҳаводис ба ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвари моро низ ба инобат гирифтааст, ки ин нукта арзиши таҳқиқи ӯро боло бурдааст. Як нуктаи дигарро шоистаи таъкид медонем, ки зери роҳбарии профессор Муҳаммадӣ Муқимов (Ҷовид Муқим) сурат гирифтани таҳқиқ барои ҳал гардидани мавзӯъ ва ба даст омадани натиҷаҳои мукаммал мусоидат кардааст, зеро ин муҳаққиқи шинохтаи соҳа мавзӯи мазкурро ба таври бояд дарку таҳлил намуда, дурнамои онро низ хуб медонад ва ба диссертантон маслиҳату машваратҳои зарурӣ медиҳад.

Тавре аз муҳтавои автореферат бармеояд, диссертант ба вазифаҳои дар назди худ гузоштааш муносиб амал карда, дар се бобу шаш фасли диссертатсия мавзӯи мазкурро таҳқиқ кардааст. Бобу фаслҳои диссертатсия низ байни ҳам пайванди мантиқӣ доранд. Ин нукта боис гардидааст, ки таҳқиқ самти муайяни худро пайдо намуда, равиши хоси хешро низ дошта бошад.

Аз нигоҳи мо, хулосабарориҳои диссертант аз таҳқиқ, ки аз 28 банд иборат аст, арзиши баланди илмӣ дорад, зеро ба таври мушаххас натиҷаҳои таҳқикро баёнгар аст.

Дар баробари ин дастовардҳо зимни мутолиаи автореферат маълум гардид, ки дар он баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла

- дар фасли якуми боби дуюми диссертатсия, ки ба масъалаи вазъи инъикоси воқеаҳои Миср дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон бахшида шудааст, ба таври бояд баррасӣ гардидани

мавзӯъ ба назар нарасид; манзури мо ин ки чун мавзӯи умумии диссертатсия ба матбуот алоқаманд аст, дар ин фасли кор доир ба таваҷҷуҳи матбуоти тоҷик, махсусан, матбуоти мустақил ба воқеаҳои Миср маълумот камтар аст.

Бо вуҷуди ин, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи "Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср, солҳои 2011-2013)" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**муовини директори Муассисаи**
**давлатии рӯзномаи "Баҳори Аҷам"** **Раҳимҷонов Х.У.**

*Тел.: +992 93-489-26-56*
*E-mail: khushdil_09@list.ru*

*Имзои Раҳимҷонов Хушдилҷон*
*Умарқуловичро тасдиқ мекунам.*
**Сардори шуъбаи кадрхо:** **Ҷалилов С.Ҷ.**